# ХУЛОСАИ

**шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)**

**Парвандаи аттестатсионии №___**
**Қарори шурои диссертатсионӣ**
**аз 18 апрели соли 2026, №97**

**Барои сазовор донистани Юсуфзода Фаридун Асадулло, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос**

Диссертатсияи доктори фалсафа (PhD), Юсуфзода Фаридун Асадулло дар мавзуи «Проблемаҳои институти доғи судӣ дар ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D030301–Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ 24 январи соли 2026, №90 аз ҷониби шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, кӯчаи Буни Ҳисорак, толори шурои диссертатсионии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, ки аз 7 январи соли 2022, №15/шд (бо тағйиру иловаҳо аз 05 июли соли 2024, таҳти №225/шд тасдиқ шудааст) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Юсуфзода Фаридун Асадулло 08 декабри соли 1993 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст.

Юсуфзода Фаридун Асадулло соли 2010 ба факултети ҳуқуқшиносии ДМТ ба ихтисоси ҳуқуқшиносӣ дохил шуда, онро соли 2015 хатм намудааст.

Номбурда бо фармоиши ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 10 октябри соли 2018 №492-05 ба кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносӣ ба ҳайси докторанти доктори фалсафа (Ph.D), аз рӯйи ихтисоси 6D030100 - “Ҳуқуқшинось” қабул гардида, онро дар асоси фармоиши ректори Донишгоҳ аз 09 январи соли 2021 №309-05 хатм намудааст.

Мавзуи диссертатсия дар ҷаласаи шурои олимони факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 07 декабри соли 2018, №4 тасдиқ шудааст.

Диссертатсияи Юсуфзода Фаридун Асадулло дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 03 июли соли 2025, №9 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо ба ҳимоя тавсия карда шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** – Шарипов Тақдиршоҳ Шарифович – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

– **Абдуҳамитов Валиҷон Абдуҳалимович** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон.

– **Оралбоев Ҳамза Ҳайдарович** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.

**Ба ҳайси муассисаи пешбар** – Муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии «Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (ш. Душанбе).

Дар хулосаи муассисаи пешбар, ки аз ҷониби ташхисгар, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент сардори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, (5.5.8 Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ) Заробидинзода С.З. омода гардида, аз ҷониби раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Аҳёзода Ш.Т. ва котиби ҷаласа, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, полковники муалими кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон Анвариён Ш.Ш., имзо ва аз ҷониби сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон Саидзода А.Р., дар санаи 03 марти соли 2026 тасдиқ шудааст, иброз медорад, ки диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуқтаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 6 мақолаи илмӣ нашр карда шудаанд, ки 4 адади онҳо дар маҷалаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд, ки онҳо фарогирандаи мазмун ва моҳияти диссертатсия мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводди чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

**Муҳимтарин интишороти унвонҷӯ аз рӯйи мавзуи диссертатсия:**

I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:

[1-М]. Юсуфзода, Ф.А. Мафҳуми доғи судӣ дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ [Матн] / Ф.А. Юсуфзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2020. – №1. – С. 221-227; ISSN 2413-5151.

[2-М]. Юсуфзода, Ф.А. Оқибатҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятии доғи судӣ [Матн] / Ф.А. Юсуфзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2020. – №2. – С. 223-228; ISSN 2413-5151.

[3-М]. Юсуфзода, Ф.А. Доғи судь ҳамчун асоси эътироф намудани ретсидиви ҷиноят [Матн] / Ф.А. Юсуфзода // Қонунгузорӣ. – 2021. – №4 (44). – С. 103-107; ISSN 2410-2903.

[4-М]. Юсуфзода, Ф.А. Шарипов Т.Ш. Ҷанбаҳои назариявӣ амалиявии барҳам хурдани доғи судӣ [Матн] / Ф.А. Юсуфзода, Т.Ш Шарипов // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2025. – №4 (40). – С. 144-152; ISSN 2414 9217.

II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:

[5-М]. Юсуфзода, Ф.А. Оқибатҳои умумии ҳуқуқии доғи судӣ [Матн] / Ф.А. Юсуфзода // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва низоми ҳуқуқии миллӣ: заминаҳои рушд ва дурнамои илми ҳуқуқшиносӣ» бахшида ба «25-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «70-солагии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон». − Душанбе: Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2019. – С. 628-634.

[6-М]. Юсуфзода, Ф.А. Масоили доғи судӣ [Матн] / Ф.А. Юсуфзода // Конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ (солҳои 2019-2021)» ва «400-солагии Миробид Саййидои Насафӣ». − Душанбе: Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2019. – С. 170-171.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**Ғафорова Ш.А.** – муовини ректор оид ба тарбияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент;

**Аминова Ф.М** – мудири кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ;

**Қаҳорзода Н.М.** – мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии ДДҲБСТ номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дотсент.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, дар онҳо баъзе эроду тавсияҳои хусусияти мубоҳисавидоштаи зерин пешниҳод шудаанд:

1. Муаллиф масъалаҳои марбут ба барҳам хӯрдан ва бардоштани доғи судиро асосан дар доираи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор додааст. Ба андешаи мо, таҳқиқот метавонист боз ҳам мукаммалтар ва ғанитар гардад, агар муаллиф хусусиятҳо ва тартиби татбиқи ин институтро дар қонунгузории давлатҳои пасошӯравӣ низ мавриди таҳлили муқоисавӣ қарор медод. Чунин тарз имконият медод, ки бартарӣ ва камбудиҳои танзими миллӣ дар муқоиса бо таҷрибаи кишварҳои дигар равшантар муайян гардида, асоснокии пешниҳодҳои илмии муаллиф боз ҳам тақвият ёбад.

2. Муаллиф қайд менамояд, ки андешаҳои олимони гуногуни ватанию хориҷӣ оид ба мафҳуми доғи судӣ мавриди таҳлил қарор гирифта, ҳеҷ кадоме аз онҳо ҳамчун таърифи идеалӣ пазируфта намешаванд ва дар ин замина таърифи муаллифии худро пешниҳод менамояд (саҳ.20). Аз муаллиф фаҳмидан мехостем, ки таърифи пешниҳоднамудаи ӯ аз таърифҳои қаблан пешниҳоднамудаи олимони дигар бо кадом хусусиятҳои фарқкунанда ва афзалиятҳои назариявӣ ё амалии худ ҷудо мешавад. Ҳамзамон савол ба миён меояд, ки оё чунин таъриф метавонад ҳамчун таърифи мукаммал ва идеалии доғи судӣ арзёбӣ гардад

3. Дар автореферати диссертатсия таҳқиқи масъалаҳои марбут ба тартиби бардоштани доғи судӣ истифодаи маводди амалияи судӣ ба таври кофӣ васеъ ба роҳ монда нашудааст. Дар ҳоле ки таҳлили қарорҳо ва таҷрибаи судҳо метавонист ҷанбаҳои амалии татбиқи ин институтро боз ҳам равшантар нишон диҳад ва асоснокии хулосаҳо ва пешниҳодҳои муаллифро тақвият бахшад.

Дар маҷмуъ эродҳои зикршуда сатҳу сифати корро коста намегардонанд.

**Муқарризон ва муассисаи пешбар** бо дарназардошти муқарраротй бандҳои 61-10 ва 74-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 (бо

тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, № 295) тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд.

Ҳамчунин, интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз руйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмӣ таҳқиқотии онҳо ба масъалаи гуногуни кори илмии анҷомдодашуда, алоқамандии зич доранд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

– **коркард карда шуд:** доғи судӣ ҳамчун категорияи мустақили ҳуқуқии ҷиноятӣ, муайян намудани мазмуни ҳуқуқӣ ва таҷрибаи татбиқи меъёрҳо оид ба доғи судӣ, ҳамчунин таҳияи пешниҳодҳо баҳри мукаммал намудани қонунгузории ҷиноятӣ оид ба масъалаи доғи судӣ;

– **пешниҳод шудааст:** консепсияи моҳияти ҳуқуқии доғи судӣ бо назардошти робитаҳои низомноки он бо категорияҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, ба монанди «ҷиноят», «ҷавобгарии ҷиноятӣ» ва «ҷазо» таҳия ва аз лиҳози назариявӣ;

– **исбот шудааст:** бори аввал таснифи вазифаҳои доғи судӣ пешниҳод гардидааст, ки ба ду гурӯҳ ҷудо карда шудаанд: 1) вазифаҳо дар соҳаи танзими ҳуқуқи ҷиноятӣ ва 2) вазифаҳо дар соҳаи танзими дигар соҳаҳои ҳуқуқ. Ҳамзамон асоснок гардидани тақсими вазифаҳои мазкур ба вазифаҳои асосӣ, ки мавҷудият ва фаъолияти муассири худи институти доғи судиро дар доираи расидан ба мақсадҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ таъмин менамоянд, ва вазифаҳои ёрирасон, ки барои амалисозӣ ва устувории дигар институтҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ҳамчунин институтҳои дигар соҳаҳои ҳуқуқ мусоидат мекунанд;

– **ҷорӣ намудани:** бо назардошти муайян намудани мафҳуми «доғи судӣ» аломатҳо ва шартҳои равшантар ва муфассали мансуб донистани шаҳрвандон ба шахсони бе доғи судӣ таҳия гардида, инчунин аломатҳои шахсоне, ки мувофиқи ҳолатҳои пешбининамудаи қонуни ҷиноятӣ доғи судӣ доранд, муайян карда шудаанд, ки ин дар татбиқи моддаҳои 84 ва 94 КҶ аҳаммияти муҳимми ҳуқуқтатбиққкунӣ дорад;

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст, ки:** Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар рушди минбаъдаи консепсияи доғи судӣ ҳамчун зуҳуроти мураккаби ҳуқуқӣ зоҳир мегардад. Муқаррароти диссертатсия назарияи илмиро оид ба мафҳум, моҳият, мазмун ва таснифи доғи судӣ пурра гардонида, ғояҳои илмиро оид ба масоили сабабияти иҷтимоӣ, аҳаммияти ҳуқуқии ҷиноятӣ ва умумиҳуқуқии доғи судӣ ва тартиби беэътибор гардонидани оқибатҳои онро инкишоф

медиҳад, ҳамчунин пешниҳодҳоро бахри мукаммал намудани қонуни ҷиноятӣ ва дигар сарчашмаҳои ҳуқуқии доғи судӣ асоснок намуда, самтҳои рушди минбаъдаи институти доғи судиро муайян мекунад.

Аҳаммияти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он ифода меёбад, ки хулосаҳо, пешниҳодот ва тавсияҳои дар он мавҷудбуда метавонанд дар фаъолияти судӣ-тафтишотӣ ҳангоми ташкили чорабиниҳои пешгирӣ ва мубориза бо ҷиноятҳои ретсидивӣ ба таври васеъ ва самаранок истифода гарданд. Ин ба кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва судяҳо имкон медиҳад, ки меъёрҳои қонунгузории ҷиноятиро, ки оқибатҳои доғи судӣ ва маҳдудиятҳои бо он вобастаро танзим менамоянд, ба таври объективӣ ва пайгирона татбиқ намоянд.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта,** таҳқиқоти илмӣ тавассути омӯзиши илмии ҳуқуқи ҷиноятӣ, истифодаи усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмӣ, таҳлили қонунгузории ватанӣ ва хориҷӣ, ки нуқтаҳои назари илмии муосирро дар бораи синну соли шахсияти ҷинояткор инъикос менамояд, ба даст оварда шудааст. Натиҷаҳои илмӣ, пешниҳоду хулосаҳо ва тавсияҳои амалии дар таҳқиқоти диссертатсионӣ пешбинигардида дар асоси манбаи қонунгузорӣ ва амалияи судӣ анҷом дода шудаанд, самаранок истифода шудаанд.

– **баён шудани** нақши доғи судӣ дар низоми дигар институтҳои Қисми умумии ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз ҷумла, институтҳои «такрори ҷиноятҳо», «ретсидив», «озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ», «озод кардан аз ҷазо», «озод кардан аз адои ҷазо», «афв», «бахшиши ҷазо», «сафедкунӣ»;

– **ошкор гардидани м**афҳумҳои «бардоштани доғи судӣ» ва «бекор кардани доғи судӣ»-ро таҳлил намуда, мушоҳида менамоем, ки дар матни тоҷикии қ. 6 моддаи 84 КҶ ҶТ ба чунин хатогӣ роҳ дода шудааст: дар он қайд мегардад, ки шахс пас аз адои ҷазо озодшуда агар рафтори бенуқсон нишон диҳад, баъди гузаштани нисфи муҳлати барҳамхурӣ ӯ метавонад доғи судиашро «бекор» кунад. Ин ҷо ба ҷойи истилоҳи «бекор кунад» бояд истилоҳи «бардорад» истифода шавад, зеро ки суд наметавонад доғи судиро бекор кунад, вай танҳо салоҳияти пеш аз муҳлат бардоштани доғи судиро дорад;

– **омӯхта шуданд:** бо мақсади муайян намудани масъалаи ҳисоби муҳлати барҳамхурии доғи судӣ ҳангоми иваз намудани ҷазои вазнин ба ҷазои сабук ва баръакс, пешниҳод дорем, ки ба моддаи 84 КҶ ҶТ банди мазкур илова карда шавад: «Дар ҳолати иваз намудани қисми адонакардаи ҷазо ба ҷазои нисбатан сабуктар (вазнинтар) муҳлати барҳам хӯрдани доғи судӣ аз рӯйи намуди ҷазои дар аввал таъиншуда ҳисоб карда мешавад»;

– **аз нав такмил додани** қисми 4 моддаи 78 КҶ ҶТ пас аз ҳаштсола шудани кӯдак ё дар ҳолати вафот кардани ӯ, эҳтимолияти аз тарафи суд озод кардани зани маҳкумшударо аз адои ҷазо ё онро бо ҷазои нисбатан сабуктар иваз намуданро пешбинӣ намояд ҳам, аммо дар он гуфта намешавад, ки суд доғи судиро мебардорад. Аз ин рӯ, чунин пешниҳод дорем, ки қисми 4 моддаи 78 КҶ ҶТ дар таҳрири зерин қабул карда шавад: «4) Пас аз ҳаштсола шудани кӯдак ё дар ҳолати вафот кардани ӯ, суд вобаста ба рафтори зани маҳкумшуда метавонад ӯро аз адои ҷазо озод кунад ва доғи судиашро бардорад ё онро бо ҷазои нисбатан сабуктар иваз намояд ва ё зани маҳкумшударо барои адо намудани ҷазои бо ҳукм таъиншуда фиристад». Ин аз хислати инсондӯстона доштани қонуни ҷиноятӣ гувоҳӣ дода, зани кӯдаки хурдсол доштаро, ки дар таълиму тарбияи ӯ машғул хоҳад буд, аз маҳдудиятҳои ба доғи судӣ алоқаманд озод хоҳад намуд;

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия, чунин тасдиқ карда мешаванд, ки:** аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он аст, ки хулосаҳои муаллиф, ки дар раванди таҳлили масъалаҳои марбут ба асосноккунии хусусиятҳои доғи судӣ аз нуқтаи назари ҳуқуқи ҷиноятӣ ба даст омадаанд, инчунин тавсияҳои амалӣ, ки дар асоси онҳо барои фаъолияти мақомоти судӣ ва ҳифзи ҳуқуқ таҳия шудаанд, ба баланд гардидани самаранокии механизмҳои пешгирии ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат хоҳанд кард.

– **муайян карда шуданд,** ки муқаррароти бандҳои «а» ва «б» қисми 2 моддаи 84 КҶ ҶТ ва таҷрибаи мамлакатҳое, ки қонунгузории ҷиноятиашон ба мо наздиканд, пешниҳод карда мешавад, ки дар қонунҳои минбаъдаи авф муқаррароти «Татбиқи Қонуни мазкур доғи судии шахсро намебардорад» бардошта шаваду, имконияти бекор шудани доғи судӣ нисбати категорияи муайяни ашхос муқаррар гардад. Ин иқдом ҷиҳати амалӣ намудани принсипи инсондӯстӣ мусоидат хоҳад намуд;

– **коркард карда шуд:** Дар қисми 2 моддаи 84 КҶ ҶТ имконияти бо санади афв ё бахшиши ҷазо бардоштани доғи судӣ пешбинӣ шудааст, аммо барои ин зарур аст, ки чунин имконият дар ин санадҳо бевосита зикр гардад. Дар амал бошад, мутаассифона, дар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба афв чунин меъёрҳое, ки бардоштани доғи судиро пешбинӣ намоянд, вуҷуд надоранд. Аз ҷумла, дар ҳамаи чор қонуни афве, ки дар даҳ соли охир қабул шудаанд, ифодаи якхела зикр шудааст: «Татбиқи Қонуни мазкур доғи судии шахсро намебардорад»;

– **муаррифӣ карда шуд:** ворид намудани илова ба моддаи 76-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки имконияти пеш аз муҳлат озод намудани шахсони ба ҷазои якумра маҳрум кардан аз озодӣ маҳкумшударо

баъд аз адои воқеии на камтар аз бисту панҷ соли ҷазо пешбинӣ мекунад, асоснок ва мувофиқи мақсад мебошад. Чунин тағйирот метавонад хусусияти инсондӯстонаи қонунгузории ҷиноятиро ба таври назаррас боло бурда, барои маҳкумшудагон имконияти мусоиди мутобиқшавии иҷтимоӣ ва бозгашт ба ҳаёти муқарририро фароҳам созад;

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ** нишон доданд, ки унвонҷӯ ҳангоми пажӯҳиш ба андешаҳои олимони ватанию хориҷӣ, санадҳои меъёри-ҳуқуқии байналмилалӣ ва милиь такя намуда, ҷиҳати ҳал намудани мушкилоти ҷойдошта дар самти таҳқиқоти доғи судӣ андешаҳои худро баён намудааст. Ҳамчунин, натиҷаҳои илмӣ, пешниҳоду хулосаҳои муаллиф дар заминаи маълумоти оморӣ, ҷамъбасти амалияи судӣ ва тафтишотӣ ба даст оварда шудаанд.

– **барои корҳои таҷрибавӣ:** бо мақсади такмил додани қонунгузории ҷиноятӣ ва бартараф намудани камбудиҳои мавҷуда пешниҳод менамоем, ки бандҳои «б» ва «в»-и қисми 3-и моддаи 84-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири зерин баён карда шаванд: «б) нисбати шахсоне, ки ба ҷазоҳои сабуктар нисбат ба маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум шудаанд, – пас аз гузаштани як сол аз лаҳзаи ба анҷом расидани муҳлати иҷро ё адои ҷазои таъиншуда; в) нисбати шахсоне, ки барои ҷиноятҳои дараҷаи начандон вазнин ё миёна ба ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум шудаанд, – пас аз гузаштани се сол аз лаҳзаи пурра адо кардани ҷазо»;

– **ғоя асоснок шудааст, ки** мафҳумҳои «бардоштани доғи судӣ» ва «бекор кардани доғи судӣ»-ро таҳлил намуда, мушоҳида менамоем, ки дар матни тоҷикии қ. 6 моддаи 84 КҶ ҶТ ба чунин хатогӣ роҳ дода шудааст: дар он қайд мегардад, ки пас аз адои ҷазо озодшуда агар рафтори бенуқсон нишон диҳад, баъди гузаштани нисфи муҳлати барҳамхурӣ ӯ метавонад доғи судиашро «бекор» кунад. Ин ҷо бояд ба ҷойи «бекор кунад» бояд истилоҳи «бардорад» истифода шавад, зеро ки суд наметавонад доғи судиро бекор кунад, вай танҳо салоҳияти пеш аз муҳлат бардоштани доғи судиро дорад;

– **муайян шудаанд,** ки пас аз қатъ гардидан доғи судӣ на бояд ба бандубасти ҷинояти нав ва таъини ҷазо таъсир расонад. Зарурат ва аҳаммияти ба низом даровардани маҳдудиятҳои умумие, ки бо мавҷудияти доғи судӣ алоқамананданд ва муттаҳид намудани онҳо дар як санади меъёриву ҳуқуқӣ далелнок карда шудааст;

– **истифода карда шуданд:** дар раванди таҳқиқот таҷрибаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумлаи Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, зиёда аз 100 парванда аз бойгонии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯхта шуд, инчунин, маълумотҳои омории Сармаркази таҳлилӣ-иттилоотии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии

Тоҷикистон, таҷрибаи созмону ташкилотҳои байналмилалӣ мавриди таҳлил қарор дода шудаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми довталаб дар иштироки бевоситаи ӯ дар таҳқиқи диссертатсионӣ, баррасии ғояҳо, таҳияи консепсияҳо, натиҷаҳо ва муқаррароти илмӣ то сатҳи навгонии илмии тадқиқоти диссертатсионӣ, муқаррароти илмии барои ҳимоя пешниҳодшаванда, мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар конфронсҳои байналмилалӣ зоҳир мегардад.

Дар маҷлиси шурои диссертатсионӣ аз 18 апрели соли 2026 қарор қабул карда шуд, ки ба Юсуфзода Фаридун Асадулло дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D030301–Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 октябри соли 2024, №407шд тасдиқ гардида, 13 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 5 нафарашон доктор ва 1 нафарашон номзади илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 13 нафар аъзои шурои дисрертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта, овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D030301–Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ 13 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Назаров А.Қ.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,** **Мирзозода Қ.Х.**

**18 апрели соли 2026**